**Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқҳи башари САҲА**
**Миссияи нозирони интихобот**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Интихоботи парлумонӣ, 28-уми феврали 2010**

# ГУЗОРИШИ МИЁНДАВРИИ № 2
**29 январ – 13 феврали соли 2010**

**22 феврали соли 2010**

## I. МАЗМУНИ МУХТАСАР

- Ҷараёни бақайдгирии номзадҳо дар маҷмӯъ рӯзи 8-уми феврал ба охир расид. Дар асоси рӯйхатҳои ҳашт ҳизби сиёсӣ 73 номзад барои рақобат намудан дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ва 153 номзад дар 41 ҳавзаи якмандатии интихоботӣ ба қайд гирифта шуданд. Барои сабқат дар ҳавзаҳои якмандатӣ 6 ҳизби сиёсӣ ва 70 нафар номзадҳои мустақил намояндагӣ доранд.

- Ташвиқоти пешазинтихоботии начандон фаъол дар саросари кишвар дар санаҳои мухталиф, вобаста аз таърихи рӯзи ба қайд гирифта шудани номзадҳо оғоз шуд. Чорабиниҳои ташвиқотӣ аз вохӯриҳо бо интихобкунандагон, ташвиқот аз тариқи хона ба хона гаштан, тақсимоти варақаҳо ва часпондани овезаҳо иборат аст. Вохӯриҳо бо интихобкунандагон асосан аз тарафи Комиссияхои ҳавзавии интихобот (КҲИ) ташкил карда мешаванд ва дар онҳо ҳамаи номзадҳои дахлдор даъват мешаванд. Дар баъзе ҳавзаҳои интихоботӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ё номзадҳо чорабиниҳои ташвиқотиро ба таври инфиродӣ низ ташкил мекунанд, вале дар баъзе ҳавзаҳои дигар маъмурияти интихобот гузаронидани чунин вохӯриҳои мустақилонаро иҷозат намедҳанд.

- Якчанд ҳизби сиёсӣ ба МНИ САҲА/ДНДҲБ хабар доданд, ки мақомоти ҳокимият ба ташвиқоти онҳо монеагузорӣ мекунад, аз ҷумла тавассути дахолати милиса ва истифода шудани моликияти давлатӣ аз ҷониби ҳизби ҳоким дар пешбурди ташвиқоти пешазинтихоботӣ. МНИ САҲА/ДНДҲБ назорати ин масъалаҳоро думболагирӣ намуда истодааст.

- Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР) аз рӯзи 19-уми январ инҷониб ягон маҷлис нагузаронидааст, ки ин амал дар мавриди шаффофӣ ва ҳисботдиҳандагии кори он нигарониҳоро ба миён меорад.

- Тартибдиҳии рӯйхатҳои интихобкунандагон аз ҷониби КУИ дар таърихи 13-уми феврал ба анҷом расонида шуд ва ҳоло барои шиносоии умумӣ овехта шудаанд. КМИР ба МНИ САҲА/ДНДҲБ хабар дод, ки дар саросари кишвар 3,459,164 интихобкунанда ба қайд гирифта шудааст. МНИ САҲА/ДНДҲБ қайд намуд, ки бо сабаби вуҷуд надоштани дастурамалҳои махсуси КМИР доир ба тарзи тартиб додани рӯйхатҳои интихобкунандагон, КУИ методҳои гуногунро дар ин амал истифода намудаанд. Вуҷуд надоштани пойгоҳи иттилоотии марказӣ сабабгори он мешавад, ки ба таври таъсирбахш санҷидани сабти номҳо дар тамоми кишвар, пешгирӣ намудани батакрор номнависшавӣ ва ба таври мунтазам таҷдид намудани маълумот бо назардошти интихобкунандагони реҳлаткарда ва интихобкунандагони таъғири ҷои зисткарда ғайриимкон аст.

- Телевизион, ки сарчашмаи асосии хабарӣ барои шаҳрвандон аст, то ба имрӯз дар бораи интихобот маълумоти маҳдуд пешниҳод кардааст. Ба ҳар як номзад вақти ройгони эфирӣ таъмин карда мешавад. Бо вуҷуди ин, як қатор рӯзномаҳо маъракҳои пешазинтихоботиро ба таври фаъол пахш намуданд. Ба муқобили якчанд рӯзномаи мустаъқил парвандаҳои судӣ оғоз шуданд.

- То ба имрӯз, рақибон дар интихобот аз тартиботи шикоятҳо ба пуррагӣ ва мувофиқан истифода накардаанд. КМИР то ба ҳол шикоятҳоро дар маҷлисҳои пленарии худ баррасӣ надорад ва қарорҳои расмӣ набароварда истодааст.

## II. МУДИРИЯТИ ИНТИХОБОТ

Омодагӣ ба интихобот идома дорад. КМИР ба МНИ САҲА/ДНДҲБ маълумот дод, ки 6,000 адад қуттиҳои овоздиҳии нави шаффоф аз Чин оварда шуданд ва аксарияти маводҳои интихоботӣ ба 3,067 участкаи интихоботӣ интиқол дода шуданд.

КМИР аз рӯзи 19-уми январ инҷониб ягон маҷлис нагузаронидааст, ки ин амал дар мавриди шаффофӣ ва ҳисботдиҳандагии кори он нигарониҳоро ба миён меорад.[1]

МНИ САҲА/ДНДҲБ мушоҳида намудааст, ки дар комиссияҳои интихоботӣ, бахусус дар КҲИ ашхоси расмии баландмартабаи мақомоти вилоятӣ ва маҳаллӣ узвият доранд. Ҳузури ашхоси расмии маҳаллӣ ҳамчун аъзои КҲИ ҳарчанд ба қонун мухолифат намекунад, аммо дар омехтагӣ бо узвияти баланди намояндагони Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон (ҲХДТ) дар КҲИ[2], ки он ҳизби ҳоким аст, ин масъала ҷиҳати мустаъқил будани маъмурияти интихобот нигарониҳо ба вуҷуд меорад. Дар ҳоле, ки КҲИ барои Комиссияҳои участкавии интихобот (КУИ) омӯзишҳо гузарониданд, намояндагони баъзе КҲИ ба Миссияи нозирони интихоботии САҲА/ДНДҲБ гуфтанд, ки дар оянда интизор меравад онҳо оид ба ҷараён ва тартиботи рӯзи интихобот аз омӯзиш хоҳанд гузашт.

Интихоботи парлумонӣ ва интихобот ба маҷлисҳои маҳаллӣ дар як рӯз ҳамзамон сурат мегиранд, ки ин амал масъалаи таъсисёбӣ ва назорат аз болои КУИ-ро ба миён меоранд. Тибқи қонун КУИ аз тарафи КҲИ-и дахлдор ташкил карда мешаванд. Ҳарчанд Комиссияҳои ҳавзавӣ барои интихоботи парлумонӣ ва интихобот ба маҷлисҳои маҳаллӣ ҷудогонаанд, аммо КУИ барои интихоботи парлумонӣ ва маҷлисҳои маҳаллӣ ягона мебошанд. Ин сабаб ба номувофиқиҳо мешавад, ки КУИ-ро бояд КҲИ таъсис диҳад ва МНИ САҲА/ДНДҲБ амалкардҳои номувофиқро дар ҳавзаҳои интихоботӣ мушоҳида намудааст.

## III. БАҚАЙДГИРИИ НОМЗАДҲО

Ба қайдгирии номзадҳо 8-уми феврал[3] анҷом пазируфт. Дар асоси рӯйхати ҳизбҳои сиёсӣ КМИР 73 номзадро 19-уми феврал ба қайд гирифт, ки онҳо барои 22 курсии парлумон дар ҳавзаи ягона талош мекунанд. КҲИ низ аз шумораи умумии 185 нафар

---

1 Моддаи 19, Қонун дар бораи интихобот муқаррар мекунад: ”Қарорҳои комиссияҳои ҳамаи сатҳҳо бо овоздиҳии ошкоро қабул карда мешаванд. Қабули қарор бо дастгирии аз нисф зиёди аъзои ҳузурдошта сурат мегирад. Ҷаласаи комиссияи интихобот дар сурате босалоҳият шуморида мешавад, ки дар он на камтар аз аз се ду ҳиссаи ҳайати комиссия иштирок карда бошанд. Масалан, қарорҳо аз рӯи арзу шикоятҳо низ бояд дар ҷаласаи КМИР қабул карда шаванд”.

2 Дар КҲИ 5, 6, 20,21, 26, 27 ва 29.

3 Бақайдгирии номзадҳо аз тарафи КМИР ва КҲИ 20 рӯз пеш аз интихобот ба охир мерасад. (Моддаи 35, Қонун дар бораи интихобот).

пешбаришудагон ба номзадӣ 153 нафарашонро ҳамчун номзад ба қайд гирифтанд, ки ин номзадҳо барои ба даст овардани мандатҳои депутатӣ дар 41 ҳавзаи якмандатии интихоботӣ мубориза мебаранд[4]. 32 нафар пешбаришудагон ба номзадӣ ба қайд гирифта нашуданд. Ба қайд гирифта нашудан бо сабаби бозхонд кардани пешбариашон пеш аз сабти ном ва ё рад шудани онҳо дар заминаи як қатор сабабҳои дигар буданд, ки сабаби бештар аз миёни онҳо қобилияти пардохт карда натавонистани гарави интихоботӣ мебошад[5]. Дар замони таҳияшавии гузориши мазкур, тибқи маълумоти ба даст овардаи МНИ САҲА/ДНДҲБ аз КМИР, 3 нафар номзадиашонро пас аз ба қайд гирифта шудан бозхонд намудаанд[6]. МНИ САҲА/ДНДҲБ дар бораи рад шудани сабти номи 2 нафар пешбаришудагон хабардор аст, ки онҳо оид ба рад шудани сабти номзадиашон ба КМИР ва ба судҳои дахлдори зинаи аввал шикоят кардаанд. Ҳарду шикоят ҳам қанеъ гардонида нашуд[7].

## IV. БАҚАЙДГИРИИ ИНТИХОБКУНАНДАГОН

Мутобиқи мӯҳлати пешбинишудаи қонун, то 13-уми феврал КУИ рӯйхати интихобкунандагонро тартиб доданд. Рӯйхати интихобкунандагон барои шиносоии омма дар биноҳои участкаи интихоботӣ овехта шуданд. КМИР ба МНИ САҲА/ДНДҲБ маълумот дод, ки дар саросари кишвар 3,459,164 интихобкунанда ба қайд гирифта шуданд. Дар ҳолати мавҷуд набудани дастурамалҳои махсус оид ба тартиб додани рӯйхати интихобкунандагон, МНИ САҲА/ДНДҲБ қайд намудааст, ки КУИ рӯйхатҳоро бо истифода аз усулҳои гуногун тартиб додаанд. Нозирони ҳайати САҲА/ДНДҲБ хабар доданд, ки баъзе КУИ муҳоҷирони кории то рӯзи интихобот эҳтимол баргардандаро дар рӯйхати алоҳидаи интихобкунандагон қайд кардаанд, ва ин рӯйхатҳо дар паҳлӯи рӯйхатҳои асосии интихобкунандагон овехта шудаанд. Дар баъзеи дигар КУИ барои шаҳрвандони муваккатан дар хориҷи кишвар қарордошта рӯйхати интихобкунандагон бахши алоҳида дорад. Дар Хуҷанд КУИ аз автобусҳо истифода намудаанд, то ба мавзеъҳои дурдаст рафта интихобкунандагонро ба қайд гиранд. Рӯйхатҳои интихобкунандагон асосан дастнависанд. Вуҷуд надоштани пойгоҳи иттилоотии марказӣ сабабгори он мешавад, ки ба таври таъсирбахш санҷидани сабти номҳо дар тамоми кишвар, пешгирӣ намудани батакрор номнависшавӣ ва ба таври мунтазам таҷдид намудани маълумот бо назардошти интихобкунандагони реҳлаткарда ва интихобкунандагон тағйири ҷои зисткарда ғайриимкон аст.

## V. МУҲИТИ ТАШВИҚОТӢ

Ташвиқоти пешазинтихоботӣ қариб дар ҳамаи мавзеъҳои Тоҷикиситон оғоз шуд, аммо он чунон чашмрас нест. Аёнияти маъракаҳои интихоботӣ дар мавзеъҳои мухталифи кишвар бо сабаби таъриххои гуногуни бақайдгирии номзадҳо, қобилиятҳои молиявии ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо ва ҳамчунин шарҳу тафсири

---

4 Ҳизби халқи-демократии Тоҷикистон (ҲХДТ) - 40 нафар номзад ба қайд гирифта шудааст, Ҳизби наҳзати ислом (ҲНИТ) - 20, Ҳизби коммунисти Тоҷикистон (ҲКТ) - 8, Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон (ҲСДТ) - 2, Ҳизби аграрии Точикистон (ҲАТ) - 5, Ҳизби ислоҳоти иқтисодӣ (ҲИИТ) - 8. Бар замми ин, 70 нафар номзадҳои худпешбарикарда дар 41 ҳавзаи якмандатӣ ба қайд гирифта шудаанд. Ҳизби демократӣ (ҲДТ) ва Ҳизби сотсиалистӣ (ҲСТ) номзадҳояшонро ба ҳавзаҳои якмандатӣ пешбарӣ накардаанд.

5 Баъзе номзадҳо то мӯҳлати муқарраршудаи бақайдгирӣ натавонистанд, ки маблағи талабшавандаи 7,000 сомониро пайдо кунанд (тақрибан 1,150 евро).

6 Мувофиқи Моддаи 36-и қонун дар бораи интихобот, ҳизби сиёсӣ номзади пешбарикардаашро ва ё номзад номзадиашро ҳар вақт то интихобот метавонад пас гирад.

7 Сабти номи як нафар пешбаришуда ба иллати беэътибор будани як қатор имзоҳои ҷамъкарда ба тарафдориаш ва нафари дигар бо сабаби вазифааш ҳамчун корманди мақомоти динӣ рад карда шуд.

номувофиқи қонун ҷиҳати пешбарии ташвиқот аз ҷониби КҲИ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Мутобиқи Қонун дар бораи интихобот, ба рақибон маъмурияти интихобот иҷозат медиҳад, ки ташвиқотро пас аз ба қайд гирифта шудан оғоз намоянд[8]. Ҷараёни бақайдгирӣ 15-уми январ оғоз шуда 8-уми феврал ба анҷом расид. Дар ҳоле, ки ҳамаи рӯйхатҳои 8 ҳизби сиёсӣ дар таърихи 19-уми январ ба қайд гирифта шуданд, номзадҳои ҳавзаҳои якмандатӣ дар санаҳои гуногун сабти ном шуданд. Дар баъзе ҳавзаҳои интихоботии вилоятҳои Хатлон ва Суғд, маъмурини интихобот муқаррароти оғози ташвиқотро чунин фаҳмидаанд, ки то ба анҷом расидани ҷараёни бақайдгирии ҳамаи номзадҳо, ба ҳеҷ гуна ташвиқот иҷозат дода намешавад. Ба ҳамин хотир, дар ин мавзеъҳо то 8-уми феврал ҳеҷ гуна маъракаҳои ташвиқотӣ гузаронида нашудааст.

Фаҳмиши вазифаву салоҳиятҳои КҲИ ва ҳуқуқҳои номзадҳову аҳзоби сиёсӣ дар мавриди маъракаҳои ташвиқотӣ[9] дар ҳамаи мавзеъҳои кишвар якранг нест. Дар вилояти Суғд, нозирони МНИ САҲА/ДНДҲБ тафсирҳои гуногунро ба мушоҳида гирифтаанд. Дар баъзе ҳолатҳо танҳо вохӯриҳои аз ҷониби КҲИ ташкилшуда иҷозат дода мешаванд, аммо дар баъзе КҲИ-и дигар бошад, номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ мустақилона аз КҲИ метавонанд вохӯриҳояшонро ташкил кунанд[10].

Мавзӯъҳои ташвиқотӣ сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Роғун, масъалаҳои таъминоти барқ, дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ, фароҳамории ҷойҳои корӣ, масъалаҳои тандурустӣ, маориф, дастгирии соҳаи кишоварзӣ ва саноат аз тарафи давлат ва мубориза алайҳи коррупсияро дар бар мегиранд.

Бар замми вохӯриҳо бо интихобкунандагон, маъракаҳои ташвиқотӣ рафтан ба хонаҳо, тақсимоти варақаҳо ва овезаҳоро дар бар мегиранд. Аллахусус, дар мавзеи деҳот ва кӯҳистон, номзадҳо изҳор доштанд, ки онҳо хона ба хона гашта ташвиқот бурданро афзал мешуморанд. Дар ҳоле, ки қонун дар бораи интихобот нашр ва тақсимкунии маводи ташвиқотии чопиро ҳамчун як роҳи ташвиқоти пешазинтихоботӣ иҷозат медиҳад[11], тафсири қонун оид ба ин масъала дар миёни мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ гуногун аст. Дар баъзе ноҳияҳо овезаҳоро метавон дар биноҳои давлатӣ часпонид, аммо дар баъзеи дигар навоҳӣ ин амал мамнӯъ аст. Дар маҷмӯъ, овезаҳо ба таври намоён манзур нашудаанд.

Якчанд ҳизби сиёсӣ ба МНИ САҲА/ДНДҲБ иброз доштанд, ки мақомоти ҳокимият ба ташвиқоти онҳо монеагузорӣ мекунад, аз ҷумла тавассути дахолати милиса ва истифода шудани моликияти давлатӣ аз ҷониби ҳизби ҳоким дар пешбурди ташвиқоти пешазинтихобот. ҲНИТ ва ҲСДТ дар бораи вайронкуниҳои қонуни интихобот дар ВАО шикоят карданд. То ба имрӯз, теъдоди ками чунин шикоятҳо расман ба мақомоти дахлдор (ниг. Бахши VII, гузориши мазкур) пешниҳод шудаанд.

Рӯзи 29-уми январ дар маҷлиси Ҳукумат, Президент Эмомалӣ Раҳмон бори дигар даъват намуд, ки интихобот ба таври шаффоф ва одилона гузаронида шавад.

---

8 Моддаи 39-и қонун дар бораи интихобот муқаррар мекунад: "ташвиқоти пешазинтихобот аз рӯзи бақайдгирии номзад (рӯйхати номзадҳо) оғоз гардида 24 соат пеш аз интихобот қатъ мегардад".

9 Моддаи 14 (10)-и қонун дар бораи интихобот ва Моддаи 10-и қонун дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ.

10 Дар бораи баргузории чунин вохӯриҳо тибқи қонунгузории маҷлисҳо ва ҷамъомадҳои оммавӣ, мақомоти ҳокимият бояд хабардор карда шавад. (Боби II ва III, қонун дар бораи маҷлисҳо ва ҷамъомадҳои оммавӣ).

11 Моддаи 39-и қонун дар бораи интихобот.

# VI. ВАО

Гузоришҳои ВАО оид ба интихобот чӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва чӣ дар сатҳи маҳаллӣ афзуд. Сарфи назар аз ин, шабакаҳои телевизионие, ки таҳти мониторинги МНИ САҲА/ДНДҲБ қарор доранд ба таври истисноӣ ба ҷанбаҳои тартибию техникии раванди интихобот, аз ҷумла омодагии комиссияҳои интихоботӣ тамаркуз намуданд. Иттилоот дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ ё номзадҳо аз ҳавзаҳои якмандатӣ то ҳол ба таври васеъ пахш нашудааст. Бо вуҷуди ин, аз замони оғози мониторинги ВАО аз 19-уми январ аз ҷониби МНИ САҲА/ДНДҲБ, якчанд рӯзнома[12] маъракаҳои пешазинтихоботиро ба таври фаъол пахш намуданд ва бо мурури замон таваҷҷӯҳро ба мавзӯъҳои мушаххас ва рақибони интихобот равона сохтанд.

Хулосаҳои пешакӣ нишон медиҳанд, ки телевизион то ба имрӯз оид ба масъалаҳои интихобот маълумоти маҳдуд пахш кардааст. Ҳар се шабаки телевизионии[13] таҳти мониторинг қарордошта, ки дар якҷоягӣ сарчашмаи асосии иттилооти сиёсии Тоҷикистонро ташкил мекунанд, асосан таввaҷӯҳи мавзӯъҳои барномавиро ба масъалаҳои берун аз интихобот нигарониданд - маҳз ба маъракаи саҳмгузории сохтмони НОБ-и Роғун. Илова бар ин, шабакаҳои ТВ бештар оид ба амалигардонии сиёсати давлат, ба монанди маъракаҳои ниҳолшинонӣ, кӯмаки технологӣ барои мактабҳо ва намоишгоҳҳои ҷойҳои корӣ барои шахсони бекор гузоришҳо доданд. Баромадҳои Президент низ дар мақоми расмиаш, бештар дар вақти авҷи тамошои ТВ аз ҷониби аҳолӣ пахш шуданд[14].

Рӯзи 10-уми феврал, КМИР дар бораи ҷудо кардани вақти ройгони эфирӣ барои ҳизбҳои сиёсӣ дар *ТВ Тоҷикистон*[15] хабар дод. Ба ҳар як ҳизби сиёсии ба қайд гирифташуда, бо тартиби алифбои тоҷикӣ, дар рӯзҳои гуногун вақти ройгони эфирӣ таъмин карда мешавад, ки ин амал аз 18-уми феврал оғоз мегардад. Дар таърихи 12-уми феврал, муаррифии нахустин оид ба номзадҳо аз ҳавзаҳои якмандатӣ тавассути *ТВ Тоҷикистон*[16] пахш шуд.

Шабакаи ТВ СМТ[17], ки фарогири Душанбе аст, аз ҷониби мусоҳибони зиёд ҳамчун шабакаи мустақил арзёбӣ мешавад, ки соли 2009 ба он мавҷи нав ҷудо карда шудааст. Вале худи ҳамин каналро шабакаи пойгоҳи низомии Россия низ истифода менамояд ва барномаҳои *Канали 1-и Р*оссияро пахш мекунад. Дар натиҷа, бинандагони Душанбе наметавонанд барномаҳои *СМТ-ро* тамошо кунанд ва ё сифати ин барномаҳо халалдор мешаванд. Намояндагони Кумитаи давлатии ТВ ва Радио[18] дар якчанд маврид[19] изҳор карданд, ки барои пахши канали Россия дар дохили пойгоҳи

---

12 *Азия Плюс, Фараж, Народная газета, Миллат ва Вечерний Душанбе.*
13 Телевизиони давлатии *Тоҷикистон*, ТВ *Сафина* ва ТВ *Ҷаҳоннамо*
14 Аз ҷумла суханрониҳо дар ҷаласаи Ҳукумат (29-уми январ), дар 85-умин солгарди Милисаи Тоҷик (6-уми феврал) ва суханронии 5-уми январӣ, ки такроран рӯзи 8-уми феврал пахш шуд. Дар ҳамаи суханрониҳояш Президент Эмомалӣ Раҳмон ба аҳамияти саҳмгузории шаҳрвандон дар сохтмони НОБ-и Роғун, тавассути хариди саҳмияҳо ва ё амалҳои хайриявӣ таъкид намуд.
15 Моддаи 39-и қонун дар бораи интихобот чудо намудани вақти эфирии ройгонро ба муддати 30 дақиқа барои аҳзоби сиёсӣ ва ба муддати 15 дақиқа барои номзадҳо аз ҳавзаҳои якмандатӣ дар рафти ташвиқоти пешазинтихоботӣ аз тариқи ТВ ва радиои давлатӣ муқаррар менамояд.
16 Ишорате ба он нашудааст, ки муаррифии номзадҳо пулакӣ буд ва ё ҷузъи вақти эфирии барои онҳо ройгон ҷудошударо тибқи қонун дар бар мегирифт. Қонун дар бораи интихобот оид ба вақти эфирӣ ва ё саҳифаҳои чопии пулакӣ муқарраротеро пешбинӣ намекунад.
17 Аз соли 2007 дар минтақаи Душанбе пахш мешавад.
18 Кумитаи давлатии ТВ ва Радио тибқи қонун барои назорати расонаҳои пахшӣ вазифадор аст. Раиси ин Кумита ҳамзамон сарварии Комиссияи литсензиониро ба зимма дорад, ки он мақоми давлатӣ буда ба шабакаҳои пахшӣ (ТВ ва радио) иҷозатнома медиҳад.
19 Ин маълумот дар вохӯрӣ манзури МНИ САҲА/ДНДҲБ (2-юми феврал) гашт ва дар ВАО низ (15-уми январ ва 6-уми феврал) изҳор шуд.

низомӣ иҷозат ҳаст ва ҳама гуна пахш берун аз ҳудуди ин пойгоҳ ғайриқонунӣ мебошад. Вале Вазорати нақлиёт ва коммуникатсия, ки мақоми масъул оид ба масъалаи мазкур аст, то ҳол ин ин вазъиятро ҳал накардааст.

Се нафар судя, аз ҷумла ду судяи Суди олӣ дар таърихи 25-уми январ ба муқобили рӯзномаҳои мустақили Азия Плюс, *Фараж ва Озодагон* бо талаби ҳимояи шаъну шарафи шахсиашон тибқи Кодекси гражданӣ[20] парванда оғоз карданд ва маблағи баробар ба 900,000 евроро ҳамчун ҷуброни зарари маънавӣ талаб мекунанд. Шикоятҳо пас аз чопи мактуби кушодае дар ин рӯзномаҳо сурат гирифт, ки муаллифи он ҳимоятгар (адвокат) буда се нафар судяи зикрёфтаро ба баровардани қарори худсарона ва гирифтани ришва муттаҳам менамояд[21]. Шикояткунандагон ҳамчунин талаб карданд, ки нашри ин рӯзномаҳо то баромадани ҳукми суд қатъ карда шавад[22]. Ин парванда ва якчанд парвандаи ба наздикӣ суратгирифта[23] ба муқобили расонаҳои хабарии мустақил вокуниши интиқодиеро аз ҷониби намояндагии САҲА дар мавриди озодии ВАО ба бор овард[24].

## VII. АРЗУ ШИКОЯТҲО

Дар муқоиса бо шумораи вайронкориҳои эҳтимолии аз ҷониби рақибони интихобот хабар додашуда, теъдоди ками арзу шикоятҳои ба интихобот тааллуқдошта ба комиссияҳои интихоботӣ ва судҳо расман пешниҳод шудаанд. Баъзе ҳизбҳои сиёсии мухолиф дар сӯҳбат бо МНИ САҲА/ДНДҲБ нисбат ба комиссияҳои интихоботӣ ва судҳо ҷиҳати баррасии беғаразона ва муассири арзу шикоятҳо изҳори нобоварӣ карданд. Баъзе рақибони интихобот ба хотири канораҷӯӣ аз аксуламалҳои манфии мақомоти ҳокимият хоҳиш накарданд, ки расман шикоят пешниҳод кунанд. Ба ҷои он, эшон кӯшиш намуданд то баҳсҳоро ба таври ғайрирасмӣ ҳал намоянд. МНИ САҲА/ДНДҲБ мушоҳида намудааст, ки барои рақибони интихобот навиштани шикоят дар формати дуруст бо пешниҳоди далелҳои ҷузъию қонунӣ ва овардани далелҳои пуштибон душвор аст.

Дар байни тарафҳои манфиатдор оид ба раванди дурусти пешниҳод кардани шикоятҳо перомуни масоили интихобот норавшаниҳо вуҷуд доранд. Моддаи 20-и қонун дар бораи интихобот муқаррар мекунад, ки шикоятҳо ба муқобили комиссияҳои интихоботӣ бояд ба комиссияи зинаи болоӣ ё ба суд пешниҳод шаванд. Аммо дар баъзе ҳолатҳо, шикояткунандагон ба муқобили КҲИ арзу шикоятҳояшонро ба худи ҳамон КҲИ пешниҳод кардаанд. Дар як ҳолат, КМИР шикояткунандаро ба КҲИ фиристодааст, дар ҳоле, ки КМИР тибқи қонун мақоми мувофиқ барои баррасии парванда мебошад[25]. Инчунин, перомуни вайронкориҳои маъмурӣ, ба монанди дахолаткуниҳо дар маъракаи ташвиқот, шикоятҳо ба КМИР пешниҳод шудаанд, ки дар ин ҳол шикоят кардан ба мақомоти прокуратура бештар мувофиқ аст.

---

20 Моддаи 170 то 174, Кодекси гражданӣ.

21 Мактуб рӯзи 19-уми январ дар рӯзномаи *Фараж* ва рӯзи 20-уми январ дар рӯзномаҳои Азия Плюс ва *Озодагон* ба табъ расид.

22 Дар асоси Моддаи 142-143, Кодекси мурофиаи гражданӣ.

23 Парвандаҳои шабеҳ дар суди шаҳрии ш.Душанбе ҷой доштанд. Рӯзи 27-уми январ қарори суди ноҳияи Фирдавсиро пуштибонӣ намуда суди шаҳрӣ ҳукм намуд, ки рӯзномаи *Пайкон* бояд ба агентии давлатии *Тоҷикстандарт* 300,000 *Somoni* (тақрибан 50,000 евро) ҷуброн барои зарари маънавӣ пардохт кунад. Дар мисоли дигар, Вазорати кишоварзӣ рӯзи 26-уми январ ба муқобили рӯзномаи *Миллат* парванда оғоз карда 1 миллон сомонӣ (тахминан 167,000 евро) ҷуброн барои зарари маънавӣ талаб кард.

24 Пахши хабарӣ (Пресс-релиз) аз 8-уми феврали 2010, http://www.osce.org/fom/item_1_42678.html

25 Ҳамаи ин парвандаҳо ба қарорҳои КҲИ оид ба ҳайати КУИ тааллуқ доштанд.

МНИ САҲА/ДНДҲБ доир ба 10 шикояти аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ, номзадҳо ва ё шаҳрвандон пешниҳодшуда ба КМИР, чор шикоят ба КҲИ ва як шикоят ба суди зинаи аввал хабардор аст. Тибқи иттилооти МНИ САҲА/ДНДҲБ, Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон то ҳол ягона ҳизбест, ки аз тартиботи расмии шикояткунӣ истифода намудааст. Шикоятҳо аз болои КҲИ ба масъалаи рад шудани узвияти намояндагони ҲНИТ дар КУИ тааллуқ доранд[26]. Қонун дар бораи интихобот намояндагии пурраи ҳизбҳои сиёсиро дар ҳайати КУИ кафолат намедиҳад. Дар яке аз чунин қазияҳо, КҲИ қонуни интихоботро чунин тафсир кардааст, ки гӯё он узвияти намояндагони ҳизбҳоро дар КУИ иҷозат намедиҳад[27]. Бо вуҷуди ин, хилофи тафсири КҲИ, дар ҳайати КУИ-и ҳамин ҳавза намояндагони ҲХДТ ва ҲКТ узвият доранд. Дар якчанд арзу шикоятҳо ҲНИТ ба КМИР даъво мекунад, ки ҳукумати маҳаллӣ бемаврид дар кори комиссияҳои интихоботӣ дахолат мекунанд ва ба фаъолиятҳои ташвиқотии ҲНИТ халал мерасонанд. Якчанд номзадҳои худпешбарикарда ба КМИР шикоят карданд, ки як нафар ҳокими маҳаллӣ ба зердастони худ дастур додаст, то ғолибияти номзади пешбаришударо аз ҲХДТ таъмин намоянд. Дар қазияи судӣ рад карда шудани масъалаи ба қайд гирифтани номзад бо иллати беэътибор будани имзоҳои ҷамъоваришуда марбут дониста шуд. Ҳеҷ яке аз ин шикояти ба комиссияҳои интихоботӣ ва ё суд то ҳол пешниҳодшуда ба манфиати даъвогар ҳал карда нашудааст.

Қонун дар бораи интихобот аз КМИР талаб мекунад, ки аз болои арзу шикоятҳо тавассути овоздиҳии аъзо дар ҷаласаи кушода расман қарор қабул намояд[28]. Вале то имрӯз, КМИР ба таври коллегиалӣ ва шаффоф аз болои шикоятҳо қарор набаровардааст[29]. Аз болои шикоятҳо дар *асоси ҳар як ҳолати алоҳида* кор бурда мешавад ва чунин менамояд, ки дар он сардори Гурӯҳи кории КМИР оид ба шикоятҳо[30] арзу шикоятро баррасӣ менамояд, ҷавоби мувофиқро муайян мекунад ва вобаста аз арзёбии худаш доир ба дараҷаи "душвор" ё "ҷиддӣ будани" парванда метавонад бо дигар аъзои комиссия ё кормандони дафтари маъмурии интихобот машварат намояд[31]. То кунун ҷавобҳои расмӣ дар шакли мактуб бо имзои раиси КМИР дода шудаанд, на ин ки дар шакли қарори расмӣ[32]. Чунин роҳи сару кор гирифтан бо шикоятҳо ба таври таъсирбахш теша ба решаи мақоми коллегиалӣ ва ҳайати фарогир доштани комиссия ва принсипи шаффофӣ мезанад. Илова бар ин,

---

26 Дар шикоятҳо нигарониҳо махсусан дар бораи он изҳор карда мешуданд, ки раванди овоздиҳӣ ва ҳисоби бюллетенҳо тибқи принсипҳои демократӣ сурат нахоҳанд гирифт ва ба ҳамин сабаб зарур аст, ки тавассути ҳузури бештари намояндагони азҳоби сиёсӣ ба раванд шаффофии зиёдтар ворид карда шавад. Баъзе шикоятҳо ҳамчунин аз таҳдидҳое иборат буданд, ки агар намояндагони аҳзоби дахлдор ба узвияти КУИ таъйин нашаванд, онҳо интихоботро таҳрим (бойкот) мекунанд ва ё натиҷаҳои онро эътироф нахоҳанд кард.

27 Он ба муқаррароти Моддаи 18-и қонун дар бораи интихобот ишора намуд, ки аъзои КУИ бояд бетараф ва холис бошанд. Вале ин муқаррарот узвияти намояндагони аҳзоби сиёсиро дар КУИ манъ намекунад.

28 Моддаи 12(17) ва 19-и қонун дар бораи интихобот.

29 МНИ САҲА/ДНДҲБ ҳамчунин ҳолатҳоеро мушоҳида намудааст, ки КҲИ шикоятҳоро ба таври коллегиалӣ ва шаффоф баррасӣ накардаанд.

30 Қарори КМИР №6, аз 16-уми декабри 2009 Гурӯҳи кориро оид ба баррасии шикоятҳо дар ҳайати ҳашт узви КМИР (таҳти сарварии ҷонишини раиси КМИР) таъсис медиҳад, ки он барои баррасии шикоятҳо вазифадор аст. Аммо қарор тартиботи муфассали дохилии раванди корбарӣ бо шикоятҳо ва баррасии онҳоро муайян намекунад.

31 Сардори Гурӯҳи кори КМИР оид ба шикоятҳо ба МНИ САҲА/ДНДҲБ гуфт, ки вай то ҳол ҳеҷ шикояти ҷиддиеро баррасӣ накардааст. Умуман, парвандаҳо ба таври кофӣ баррасӣ нашудаанд.

32 Мактубҳо ба ҳамаи масъалаҳои дар шикоятҳо бардошташаванда нигаронида намешаванд ва сабабҳои муврфиқи далелӣ ва ҳуқуқиро таъмин намесозанд. Ба даъвогарон ёдрас карда намешавад, ки онҳо ҳуқуқи ба Суди олӣ муроҷиат кардан доранд.

вуҷуд надоштани қарорҳои расмии КМИР оид ба шикоятҳо метавонад ҳуқуқи даъвогаронро барои шикоят кардан ба суд ботил созад.

## VIII. ИШТИРОКИ ЗАНОН ВА АҚҚАЛИЯТҲО

Дар интихоботи қарибулвуқуъ аз миёни 153 нафар номзадҳои худпешбарикардаи ба қайд гирифташуда дар ҳавзаҳои якмандатии интихобот, 17 нафарашон зан аст (11 фисад). Аз ҷумлаи 73 номзади ба қайдгирифташуда дар асоси рӯйхати аҳзоби сиёсӣ, 15 нафарашон зан аст (21 фисад).

Иштироки занон дар ташвиқоти интихоботӣ ба таври умум паст аст. Аммо баъзе занони номзад дар корҳои ташвиқотӣ ниҳоят фаъол буда масъалаҳои гендерӣ ва нақши занонро дар ҷомеа ва инчунин барномаи ҳизби худро таъкид менамоянд. ҲХДТ ва ҲНИТ ба МНИ САҲА/ДНДҲБ хабар доданд, ки дар сохтори ҳизбиашон бахши бонувон амал мекунад ва занон дар вазифаҳои баланди роҳбарии ҳизбӣ низ ҷой доранд.

Моддаи 9-и қонун дар бораи баробарии гендерӣ, ки соли 2005 қабул шудааст, *дар баробари дигар масъалаҳо* имкониятҳои боробарро барои мардон ва занон дар ташкили комиссияҳои интихоботӣ пешбинӣ мекунад[33], аммо он ҳеҷ гуна нисоби қонуниро барои шумораи ҳадди аққали узвияти занон дар комиссияҳои интихоботӣ муқаррар намесозад.

КМИР аз раис, ҷонишини раис ва 13 аъзо иборат аст, ки аз миёни онҳо 3 нафарошон зан аст. Аз ҳисоби умумии 41 КҲИ, 4 комиссияи ҳавзавиро занон сарварӣ мекунанд, ки 2-тои он дар Душанбе воқеъ аст. Занон 10 фисади вазифаҳои роҳбариро дар КҲИ ҳамчун раис, ҷонишини раис ё котиб ба зимма доранд. Дар байни кули аъзои КУИ, занон 15 фисадро ташкил мекунанд.

Дар ташвиқоти пешазинтихоботӣ то ҳанӯз масъалаҳои аққалиятҳо садо надодаанд. Ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ба МНИ САҲА/ДНДҲБ иттилоъ доданд, ки онҳо маводҳои ба интихобот тааллуқдоштаро ба забонҳои аққалиятҳои миллӣ нашр хоҳанд кард ва дар вохӯриҳо бо интихобкунандагон аз онҳо истифода хоҳанд намуд. МНИ САҲА/ДНДҲБ дар вилояти Суғд ва ш.Душанбе чунин маводро мушоҳида кардаанд.

Аксарияти КҲИ-е, ки фарогири шумораи назарраси аҳолии мансуб ба аққалиятҳои миллиянд ба МНИ САҲА/ДНДҲБ хабар доданд, ки бюллетенҳо ба забонҳои аққалиятҳо низ таҳия хоҳанд шуд[34]. Дар мавриди ҳайати КҲИ бошад маълумот оид ба узвияти гурӯҳҳои қавмӣ дастрас нест. Дар ҳолати кунунӣ, ҳайати аксарияти КҲИ-е, ки фарогири мавзеъҳои аққалиятҳо мебошанд то 50 фисад намояндагии аққалиятҳои миллиро дар бар мегиранд.

## IX. ФАЪОЛИЯТҲОИ МНИ САҲА/ДНДҲБ

---

33 Моддаи 9-и қонун дар бораи баробарии гендерӣ муқаррар мекунад: "Принсипҳои конститутсионии ҳуқуқҳои баробар ва имкониятҳои баробари мардон ва занон дар ҷараёни таъсисдиҳии Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, комиссияҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ҳавзавии интихобот татбиқ мегарданд".

34 КМИР барои чопи бюллетенҳо вазифадор аст ва КҲИ дархост пешниҳод намуда шумораи умумии бюллетенҳо ва шумораи бюллетенҳоро ба забонҳои аққалиятҳои миллӣ дар робита бо ҳар ҳавзаи алоҳида зикр мекунанд. Бюллетенҳо барои панҷ ноҳияи вилояти Суғд ба забони ӯзбекӣ, барои як ноҳияи ВМКБ ба забони қирғизӣ, барои ноҳияи Чкаловск ва чор ноҳияи шаҳри Душанбе ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ чоп шуданд.

Дар давраи гузориши мазкур, МНИ САҲА/ДНДҲБ фаъолиятҳои муқаррарии худро идома дода бо ашхоси расмии баландмақом, намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, номзадҳои худпешбарикарда, намояндагони мақомоти судӣ, маъмурини интихобот, ВАО ва ҷомеаи шаҳрвандӣ вохӯриҳо гузарониданд. Маҷлис (брифинг) барои намояндагони миссияҳои дипломатӣ ва созмонҳои байналмилалии муқими Тоҷикистон рӯзи 4-уми феврал гузаронида шуд. Нозирони дарозмуддат ба назорат намудани омодагӣ ба интихобот ва пешбурди маъракаҳои ташвиқотӣ дар минтақаҳо идома медиҳанд ва корҳои тайёриро барои қабули нозирони кӯтоҳмуддат пеш бурда истодаанд. МНИ САҲА/ДНДҲБ ҳамчунин бо Дафтари САҲА дар Тоҷикистон мунтазам дар тамос аст. Он ҳамчунин ба Ассамблеяи парлумонии САҲА ва Парлумони Аврупо корҳои худро ҳамоҳанг намуда истодааст, ки ин созмонҳои номбаршуда дар рӯзи интихобот фаъолиятҳои нозирии худро бо мо мепайванданд. Хонум Пиа Кристмас Моллер, ноиби Президенти Ассамблеяи Парлумонии САҲА аз тарафи раиси САҲА ба вазифаи Ҳамоҳангсози махсус таъйин шуд, то миссияи нозирони кӯтоҳмуддати САҲА-ро сарварӣ намояд.

***Ин гузориш бо забонҳои англисӣ ва русӣ низ дастрас аст.***
***Ҳарчанд, нусха бо забони англисӣ ҳуҷҷати ягонаи расмӣ мемонад.***